**Тақриз**

**ба диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ тахти унвони “Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба дифоъ пешниҳод шудааст.**

Вожаю истилоҳоти ахлоқӣ яке аз мавзуъҳои мубрами бахши лексикаи ҳар як забон ба шумор меравад. Зеро ахлоқ ҳамчун зерсутуни ҳастии ҷомеаи башарӣ дорои вожаву истилоҳоти басо фаровоне мебошад, ки қариб ҳама ниҳодҳои ҳаёти иҷтимоиро шомил аст ва калимаву истилоҳоти ин соҳа барои равшан намудани бисёр масъалаҳои таърихи ҷомеаи тоҷикон, таърихи фарҳанг ва диди зебоишиносии мардум мусоидат менамояд. Ин гуна вожаву истилоҳот аз нигоҳи ифода мансуби илми фалсафа бошанд ҳам, ташаккул ва таҳаввули маъноию сохтории онҳо пажуҳиши забоншиносиро тақозо менамояд.

Баҳри амалӣ сохтани ҳадафҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ вожа ва истилоҳоти ахлоқии осори яке аз поягузорони ахлоқ дар забони форсӣ-тоҷикӣ Ҳусайн Воизи Кошифӣ мавриди таҳқиқи забоншиносӣ қарор гирифтааст. Масъала сари ин аст, ки таҳқиқи осори ахлоқии ниёгон натанҳо барои муайян кардани тавоноии забони тоҷикӣ дар баёни вожа ва истилоҳоти ахлоқӣ кумак менамояд, балки дар муқобили падидаи номарғуби раванди ҷаҳонишавӣ ва хатари маънавӣ ба ҷомеа ва дар маҷмуъ ба илми филология ва ҷомеашиносӣ мусоидат менамояд.

Диссертатсияи мазкур аз се боб ва ҳар боб аз чандин фаслу зерфаслҳо таркиб ёфтааст.

Дар қисмати муқаддима муҳаққиқ зарурати интихоби мавзуъ, манбаъ, мақсад ва вазифаҳо, навгонӣ, аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро номбар кардааст.

Аз ҷумла, навгониҳои кори диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик масъалаи вожаю истилоҳоти ахлоқии осори

Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ба вижа махсусиятҳои истилоҳоти ахлоқӣ ба миён гузошта шуда, заминаҳои ташаккули ин навъ истилоҳоти забони тоҷикӣ ва шеваву қолабҳои асосии истилоҳсозиву истифодаи истилоҳот дар мисоли осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби аввали диссертатсия "Аз таърихи пайдоиш ва ташаккули вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар забоншиносии тоҷик" ном дошта, дар панҷ фасл мураттаб гардидааст.

Дар ин боби рисола муҳаққиқ доир ба мафҳуми истилоҳ, ҷойгоҳ ва мақоми ахлоқ ва вожаву истилоҳоти ахлоқӣ дар осори даврони қадим, осори форсии миёна, даврони классикӣ ва хусусан дар осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ маълумоти мушаххас пешниҳод намудааст.

Боби дуюми диссертатсия "Тасниф ва таҳлили забоншиносии вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ" ном дошта, дар он вожаву истилоҳоти ахлоқӣ мавриди таснифоти забонӣ ва таҳлили забоншиносӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюм "Муқоисаи истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо истилоҳоти рисолаи "Андар ахлоқ"-и Ибни Сино" ном дорад. Боби мазкур аз се фасл иборат аст.

Ба таври муқоиса таҳқиқ кардани вожаҳо ва истилоҳоти ахлоқӣ низ арзиши муҳимми илмӣ дошта, дар ин замина, истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо истилоҳоти ахлоқии рисолаи "Андар ахлоқ"-и Ибни Сино, ки ӯ яке аз асосгузорони истилоҳоти ахлоқӣ ба забони арабӣ мебошад ва аксари он истилоҳотро муаллифони баъдӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ низ истифода кардаанд, мавриди пажуҳиш қарор гирифта, раванди инкишофи ин навъи истилоҳот аз нигоҳи лингвистию таърихӣ муайян гардидааст.

Унвонҷӯ дар таҳқиқи диссертатсионии худ дар поёни ҳама фаслу бобҳо хулосабарорӣ карда, дар охири диссертатсия ба натиҷагирии амиқи илмӣ омадааст. Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои

бачопрасидаи Маҳмудзода М.Қ. муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқро осори ба истилоҳот ва вожашиносӣ бахшидашудаи донишмандони ватаниву хориҷӣ ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои амалии диссертатсияро метавон зимни китобҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба истилоҳот ва вожашиносӣ мавриди истифода қарор дод. Инчунин аз натиҷаву хулосаҳои таҳқиқ метавон дар таълиму тадриси курсҳои тахассусӣ оид ба истилоҳот истифода кард.

Бо назардошти нукоти зикршуда диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳро дар мавзуи “Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино” кори илмии баанҷомрасида ва ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба навиштани диссертатсияи номзадӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ҷавобгӯ меҳисобам ва онро барои дифоъ тавсия медиҳам.

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология,
профессор Сулаймонов Сайидраҳмон

Имзои Сулаймонов Сайидраҳмонро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш. Тавқиев

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25 Факс: (+992-37) 227-15-10
E-mail: info@tnu.tj

10 ноябри соли 2023